**Сафар ШОСАИДЗОДА**

# Донишманди некрою равшанзамир



Одатан, дар оғози ҷашни мавлуди намояндагони илму адаб бисёр менависанд, вале ин навиштаҳо аксаран самимияти шахси нависандаро ба таври мукаммал ифода карда наметавонанд. Шояд ин аз он вобаста аст, ки мо ҳама аз нарасидани ҳамон вақте, ки аксаран беҳуда зоеъ меравад, шикоят мекунем. Аммо дар лаҳзае, ки нисбат ба фарде, ки бароямон бисёр азизу гиромӣ аст, бо ҳар баҳона аз изҳори ҳақиқате, ки ӯ сазовор нисбаташ қанорачӯӣ мекунем. Бо ҳамин айби мо ҳақиқате аст як умр дар қалбҳо пинҳон мемонад. Шояд он ҳақиқатест, ки дигарон намедонанд ё ҳақиқатест, ки ба тақдири ояндаи шахс таъсири амиқ мерасонад, вале мо аз изҳори он худдорӣ намудем. Он метавонад ҳақиқате бошад, ки танҳо шумо аз он огоҳед ва танҳо Шумо қодиред онро иброз намоед. Вале ҳайҳот, Шумо онро иброз накардед. Ин ҳақиқати инсонҳоест, ки дар соҳаи фаъолияти хеш фидоиянд, дар дӯстиву рафоқат ҳамто надоранд, дар аҳду вафо беназиранд. Бисёр корҳоеро анҷом додаанд, ки бинобар камаҳаммиятиву фориғболии мо аз назарҳо дур мондаанд. Аҳсан ба онҳо, ҳалолашон бод!

Яке аз чеҳраҳои тобон ва донишманди тавонои соҳаи китобдорӣ - муҳаққиқи библиографишиносӣ, библиографияи кишоварзӣ, китобшиносӣ ва таърихи китоби тоҷик Бӯризода Қурбоналӣ Бозор санаи 20-уми ноябри соли 1964 дар деҳаи Қуштеппаи колхози Россияи ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) таваллуд ёфтааст.

Қурбоналӣ Бӯризода фаъолияти меҳнатии худро соли 1988 ба сифати муаллими факултети китобдории ДДСТ ба номи Мирзо Турсунзода оғоз намуда, бинобар шавқи беандоза нисбат ба библиографияшиносӣ ба таълими фанҳои тахассусии «Библиографияи адабиёти ҷомеашиносӣ», «Библиографияи адабиёти иқтисодӣ», «Таърихи библиография», «Созмондиҳии фаъолияти библиографӣ дар китобхонаҳо», «Библиографияи адабиёти кишоварзӣ», «Билиографияи хориҷӣ» ва «Библиографияи адабиёти кишваршиносӣ» машғул мегардад.

Қурбоналӣ дастпарвари мактаби китобдории Раҳимҷон Шарофзода, Абдураҳим Ҳамроевич Раҳимов буда, минбаъд дар назди олимони барҷастаи китобхонашинос ва библиографияшиносони рус ба монанди О.П. Коршунов, В.В. Скворцов, А.Е. Шапошников, К.И. Абрамов, В.И. Терёшин, Н.А. Сляднева, Т.Ф. Каратигина, Ю.Н. Столяров, В.В. Добороволский, В.М. Беспалов, Н.Е. Добрынина, А.М. Мазуритский ва дигарон савияи донишу малакаҳои касбиии худро сайқал додааст.

Фаъолияти эҷодии худро аз таҳияи нишондиҳандаи библиографии “Ҳисоби хоҷагӣ дар хоҷагии халқ» (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) дар Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ, зери назари С.

Ғоибназаров, И. Норкаллаев ва Р. Кочкионова оғоз намуда, соли 1999 монографияи аввалини худро дар мавзӯи «Библиография дар аҳди Сомониён» омода ва дастраси мутахассисони соҳа мегардонад. Муаллиф дар рисолаи мазкур дар заминаи таҳлили сарчашмаҳои илмӣ, адабӣ, таърихӣ, фалсафӣ, тиббӣ, библиографӣ ва биобиблиографӣ таърихи мухтасари ташаккулёбии библиографияро дар аҳди Сомониён инъикос намудааст.

Қурбоналӣ Бӯризода нуктаи назари библиографи шинохтаи тоҷик Р. Шарофзодаро ривоҷу равнақ дода, оид ба иқдомоти нахустин дар самти таснифоти илм, дастурҳои библиографии аҳди Сомониён андешаҳои ҷолиб иброз намудааст.

Сипас, як қисми рисолааш дар шакли китоб таҳти роҳбарии академик Н.Н. Неъматов бо унвони «Заминаҳои пайдоиш ва рушди библиографияи кишоварзӣ» (ба забони русӣ) аз чоп мебарояд.

Соли 2001 бо азму ғайрати беандоза рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Библиография кишоварзии халқи тоҷик» ҳимоя мекунад. Таҳсил дар аспирантураи Институти таърих, археология ва мардумшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1993 – 1997), фаъолият ба сифати ходими хурди илмии Институти таърих, археология ва мардумшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (1997 – 1999) доираи ҷаҳонфаҳмии Қубоналӣ Бӯризодаро васеъ намуда, донишҳои назариявии ӯро дар самти омӯзиши масъалаҳои таърихи библиографияи кишоварзии тоҷик боз ҳам амиқтар намуд, маҳорати илмию эҷодии ӯ оид ба истифодаи услубҳои илмӣ сайқал ёфт. Ин буд, ки пас аз як соли дифоъ аз рисолаи номзадӣ рисолаи дигари Қурбоналӣ Бӯризода бо номи «Таърихи кишоварзии Тоҷикистон (дар заминаи дастхатҳои кишоварзӣ)» (ба забони русӣ) таҳти роҳбарии академик Н.Н. Неъматов дастраси ҳаводорони соҳа мегардад.

Яке аз хусусиятҳои хоси фаъолияти илмию эҷодии муҳаққиқи варзидаи соҳаи китобдории тоҷик Қурбоналӣ Бӯризода ин бо ҳам пайвастани илму амалия мебошад. Дар давоми умри беш аз нимасраи хеш Қурбоналӣ дар бисёр вазифаҳои пурмасъулияти соҳаи илм ва амалияи китобдорӣ фаъолият намуда, таҷрибаи ғанӣ андухтааст ва бо шарофати ҳамин таҷриба навиштаҳояш аз нигоҳи илмӣ хеле ҷолиб мебошанд. Мавсуф соли 1999 вазифаи библиографи калони шуъбаи илмӣ-методӣ ва библиографии Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии бачагонаи ба номи Мирсаид Миршакар, солҳои 1999 – 2001 мудири шуъбаи илмӣ-методӣ ва библиографии китобхонаи номбурда, 2001 – 2002 муҳаррири калони Шуъбаи илмӣ-тадқиқотии Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ, солҳои 2009 – 2015 - директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2015 то имрӯз Директори Муассисаи давлатии «Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб – Хонаи китоби Тоҷикистон» мебошад.

Пайванди қавии илму амал ба Қурбоналӣ Бӯризода имкон дод, ки нерӯи илмию эҷодии худро дар таҳқиқоти калонҳаҷм – таҳияи монографияҳо озмояд. Номбурда дар радифи ду монографияи қаблӣ тибқи маблағгузории «Барномаи

рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006 – 2015» соли 2010 монографияҳои «Таърихи пайдоиш ва рушди библиографияи кишоварзӣ» (ба забони русӣ), соли 2011 рисолаи «Таърихи библиографияи кишоварзӣ» ва ҳамон сол маҷмӯаи мақолаҳоро бо унвони «Библиографияи кишоварзии тоҷик: мавод барои омӯзиши фан» таҳия ва чоп менамояд.

Дар солҳои минбаъда муҳаққиқи тавоно ва нуктасанҷ ду рисолаи мукаммалро бахшида ба таърихи библиографияи тоҷик, яке ба забони русӣ: «Таърихи библиографияи тоҷик (аз замонҳои қадим то охири солҳои 80-уми асри XX)»(2014) ва дигаре ба забони тоҷикӣ: «Таърихи библиографияи тоҷик (аз замонҳои қадим то ибтидои асри XXI)» (2017) ба табъ мерасонад.

Олими шинохта, пуркору, пурдону, ҷӯяндаву пурмасъулияту фидоӣ – Қурбоналӣ Бӯризода дар осори илмии хеш аз асарҳои библиографие ёдовар мешавад, ки онҳоро дар дигар маъхазҳои илмию таърихии библиографишиносӣ дарёфтан душвор аст. У танҳо ба теъдоди онҳо маҳдуд нашуда, балки моҳияту мундариҷаи онҳоро аз нигоҳи илми библиографияшиносӣ арзёбӣ ва арзишу муҳиммияти онҳоро барои рушди улуми муосир, бахусус ривоҷу равнақи библиографияи миллӣ тавсиф намудааст.

Номбурда дар радифи нақши осори пурқимати Абӯалӣ ибни Сино, Ибни Надим, Закариёи Розӣ, Абӯрайҳони Берунӣ аз манобеи библиографӣ дар осори олимону мутафаккирон Ҳоҷӣ Халифа, Ёқути Ҳамавӣ, Ибни Холиқон, Шарофиддини Сомӣ, Муҳаммади Порсо, Маъсуми Шерозӣ, Абдулфаттоҳи Ҳанбалӣ, Шаҳобиддини Асқалонӣ, Муҳаммади Шаҳразурӣ, Ҷалолиддини Суйутӣ, Муҳиддин ибни Абдулвафо, Муҳаммади Табрезӣ, Муҳаммад ибни Мансур ас-Самъонии Марвазӣ, Абдулғании Байҳақӣ, Убайдулло Бобовайҳои Қумӣ, Ибни Қифтӣ, Ибни Усайбийа, Абӯҳанафи Диноварӣ, Ибни Наҷҷор, Заҳабӣ ва ғайраҳо ёдовар шуда, зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи осори эшонро ҳамчун сарчашмаи бебаҳои таърихӣ баҳри рушду нумӯи библиографияшиносии тоҷик талқин намудааст.

Ба андешаи Қурбоналӣ Бӯризода «Сарчашмаҳои хаттии ниёгон дар шакли тарҷумаи русӣ ва тоҷикӣ, аз ҷумла «Таърихи Табарӣ»-и Ҷарири Табарӣ, «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Ҷаъфари Наршахӣ, «Осор-ул-боқия»-и Абӯрайҳони Берунӣ, «Таърихи Яминӣ»-и Абӯнаср-ал-Утбӣ, «Зайн-ул-ахбор»-и Маҳмуди Гардезӣ, «Таърихи Байҳақӣ»-и Ҳусайни Байҳақӣ, «Таърихи Сиистон», «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Таърихи Байҳақӣ»-и Зайди Байҳақӣ, «Таърихи Байҳақӣ» ё «Таърихи Масъудӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ, «Қандия» ё «Ал қанд»-и Насафии Самарқандӣ, «Таърихи гузида»-и Муставфии Қазвинӣ, «Китоб ул ансоб»-и Мансури Самъонӣ, «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашиддудини Фазлуллоҳ, «Таърихи ҷаҳонкушой»-и Муҳаммади Ҷувайнӣ, «Аҷоибот-ул-махлуқот»-и Маҳмуди Қазвинӣ, «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, «Таърихи тоҷи Салмонӣ»-и Хоҷа Тоҷуддини Салмонӣ, «Зафарнома»-и Алии Яздӣ, «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн»-и Абдураззоқи Самарқандӣ, «Равазат-ус-сафо фи сират ил анбиё вал мулук вал хулафо»-и Мирхонд, «Бобурнома»-и Мироншоҳ ибни Темур, «Наводир ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, «Таърихи амирони манғитияи Бухоро»-и Ҷумъақули Ҳумулӣ ва дигарон бояд мавриди омӯзиш қарор гиранд».

Андешаву хулосаҳои аз нигоҳи илмӣ асосноки муҳаққиқ хонандаро на танҳо ба суннатҳои дерин ва решаҳои амиқи таърихии библиографияшиносӣ, бахусус библиографияи кишоварзии тоҷик ошно месозанд, балки ӯро водор менамоянд, ки ин ганҷинаҳои дурри маъниро бо ҳусни зеҳн баҳри ташаккул ва ривоҷу равнақи ҷанбаҳои гуногуни библиографияи миллӣ мавриди пажӯҳишу баҳрабардорӣ қарор диҳад.

Баробари ба сифати директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот ба фаъолият шурӯъ намудани Қурбоналӣ Бӯризода самараву баракати корҳо дар ин боргоҳ афзуд, самти пажӯҳишҳо васеъ, ҷалби неруҳои илмӣ-эҷодӣ ва таваҷҷуҳ ба таҳқиқи масъалаҳои мубрами соҳаи фарҳангу ҳунар, китобдорӣ бештар ва шумораи маводи гуногуни чопӣ зиёд гардид. Ҳангоми фаъолият дар ин боргоҳи илм ӯ тавонист диққати роҳбарияти вазорати фарҳангро ба масъалаҳои ҳалталаби соҳа ҷалб намояд, аз ҳисоби маблағи барномаҳои давлатии рушди соҳаи фарҳангу ҳунар барои оғози таҳқиқоти илмии доманадор маблағҳои иловагиро ҷалб намояд. Илова бар ин, ба Қурбоналӣ Бӯризода муяссар гашт, ки якбора чандин лоиҳаҳои мавзӯи илмӣ-таҳқиқотии буҷавиро аз назари коршиносон гузаронида, бо ҷалби мутахассисону олимони варзидаи соҳаҳои фарҳангу ҳунар ва китобдорӣ пажӯҳишҳоро дар ин самт оғоз намояд.

Аз соли 2009 то моҳи июни соли 2015 Қурбоналӣ Буризода вазифаи раиси Шӯрои илмии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоотро ба уҳда дошт. Таҳти роҳбарии бевоситаи ӯ мавзӯъҳои илмию тадқиқотии «Фаъолияти муассисаҳои иҷтимоию фарҳангӣ, мусиқӣ ва китобдорию иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2007 – 2010)» (РҚД 0105ТД 185), «Самтҳои асосӣ ва дурнамои рушди фаъолиятҳои муассисаҳои фарҳангию иҷтимоӣ (солҳои 2011 – 2015)» РҚД 01011 ТД 066 ба бомуваффақият ба анҷом расиданд.

Зери роҳбарии ӯ мавзӯъҳои илмии «Самтҳои асосӣ ва дурнамои рушди фаъолиятҳои муассисаҳои фарҳангию иҷтимоӣ 2011 – 2015» РҚД 01011 ТД 066, «Таҳқиқи равандҳои инноватсионии соҳаҳои фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шароити ҷаҳонишавӣ (солҳои 2016 – 2020) (РҚД 0116TJ00606), «Равандҳои инноватсионии фаъолияти китобдорӣ-иттилоотӣ дар муҳити ҷаҳонишавии фарҳанг» (2016 – 2020), (РҚД 0116TJ00604) таҳия ва пешниҳод гардиданд.

Имрӯз ӯ роҳбарии мавзӯи илмии «Таҳқиқи илмии бойгонии «Палатаи китоби Тоҷикистон», созмондиҳии репертуари мукаммали китоби миллӣ, феҳрасти электронии «Китоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2017 – 2021), (РҚД 0118TJ00941)-ро ба уҳда дорад.

Ҳамзамон, номбурда дар ҳамкорӣ бо Ш. Сӯфизода ва С. Шосаидзода дар таҳия, пешниҳод ва мавриди таҳқиқ қарор гирифтани лоиҳаи мавзӯи илмӣ-тадқиқотии буҷавии Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи илмҳо зери унвони «Ҷоринамоии равандҳои инноватсионӣ дар фаъолияти китобдорию иттилоотии Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандӣ дар шароити ҷаҳонишавии илму фарҳанг» (2018 – 2022) саҳми назаррас дорад. Ин бори дигар аз маҳорати баланди кордонӣ, ташкилотчигиву

ташаббускории номбурда дарак медиҳад.

Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти ӯ таҳия ва нашри маҷмӯаҳои соҳавӣ мебошад. У силсиламаҷмӯаи мақолаҳои илмии соҳаи китобдорӣ – «Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон» иборат аз 8 китоб (2010-2019), «Фаъолияти китобдорӣ. Фаъолияти иҷтимоӣ – фарҳангӣ: назария, услубҳо, амалия: Маҷмӯаи мақолаҳо», «Китобдории кӯдакону наврасони Тоҷикистон», «Осор», «Библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ дар Тоҷикистон», «Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи китобдорӣ» ва ғайраро таҳия ва ба табъ расонидааст.

Муҳаққиқи масъулиятшинос саҳми худро дар таҳияи тезисҳои конференсияҳои гуногуни илмии ПИТФИ – «Роҳҳои навини татбиқи "Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» (26.05.2010), «Мирзо Турсунзода – шахсияти адабӣ ва фарҳангӣ» (24.10.2011), «Наврӯзи байналмилалӣ» (20.03.2012), мубодилаи афкор дар мавзӯи «Нақши китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ дар таълиму тарбияи насли наврас» (30.12.2010) ва ғайра гузоштааст.

Самти дигар ва бағоят пурмаҳсули фаъолияти Қурбоналӣ Бӯризода таҳрири рисолаҳои илмию таҳқиқотӣ, маводи таълимӣ, таълимӣ-методӣ ва маҷаллаҳои илмӣ, «Тақвими Арбобони барҷастаи фарҳанг ва санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон», соли 2010, сенарияҳои ҷашнӣ ба шумор меравад. Аз ҷумлаи маҳсули заҳматҳои муҳаққиқ метавон «Китоб ва ташаккули фарҳанги иттилоотӣ дар замони муосир: Маҷмӯаи мақолоти конфронси байналмилалӣ дар ҳошияи Намоишгоҳи сеюми байналмилалии китоби Душанбе, 5 сентябри соли 2013» (2013), «Самтҳои асосии маълумоти китобдорӣ дар Тоҷикистон», «Истиқлолият ва рушди осорхонаҳои Тоҷикистон», «Аз се шохаи як илм», «Социально-культурная деятельность музеев Таджикистана в период независимости (1991-2011 гг)», «Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон», «Дмитрий Сергеевич Лихачёв: таърихчаи нашри китоби академӣ», «Фурӯғи субҳи доноӣ: Мунтахаби рисолаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва усулӣ, намунаи сенарияи ҷашнҳои давлатӣ ва миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Педагогикаи фароғат», «Публитсистикаи ҳаҷвӣ»-ро номбар намуд.

У дар таҳрири маълумотнома, нишондиҳандаи шарҳиҳолӣ, луғат ва феҳристҳои мавзӯӣ низ фаъолияти густурда дорад. Дар ин радиф метавон аз осори чопии «Устоди ҳунари актёрӣ», «Сафар Шосаидов: Маҷмӯаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ», «Театрҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Авғонов Қурбон Ғуломович: Маҷмӯаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ», «Луғати русӣ - тоҷикии китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ», «Наврӯзнома: Феҳристи адабиёт», «Иродатманд: Маҷмӯаи мақолаҳо доир ба фаъолияти илмию омӯзгории Мурод Муродӣ ва китобномаи шарҳиҳолии ӯ», «Комилзода Шариф: китобномаи шарҳиҳолӣ», «Муҳаққиқи давлатдории миллӣ: Маҷмӯаи мақолаҳо доир ба фаъолияти илмиву таълимӣ ва омӯзгории Буризода Эмомалӣ Бозор ва китобномаи шарҳиҳолии ӯ» ва ғайра ёдовар шуд.

Таҳрири адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ кори басо заҳматталаб ва пурмасъулият буда, Қурбоналӣ Бӯризода дар ин ҷода низ ба комёбиҳои назаррас ноил гардида, бо зеҳни дақиқ «Таърихи номаҳои Аҷам», «Мактаби омӯзиши чанг», «Библиографияи адабиёт барои кӯдакон ва наврасон», «Китобшиносӣ», «Библиографияи адабиёт барои кӯдакон ва наврасон», «Фаъолияти библиографӣ

дар китобхонаҳо», «Библиографияи Тоҷикистон», «Насими анбарафшон», «Китоб дар масири таърих», «Таърихи китобдории кишварҳои хориҷӣ», «Суханварӣ», «Фарҳанги китобдорӣ», «Фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангии осорхонаҳои Тоҷикистон», «Асосҳои дониши китобдорӣ-библиографӣ», «Дастури истифодаи ISBN»-ро мушикофона аз назар гузаронидааст.

Барои он ки муҳаррир маводи маҷаллаи илмиро таҳрир намояд вай бояд на танҳо дорои дониши мукаммали ҳамон соҳа, балки дар кори таҳрир низ таҷрибаи ғанӣ андухта бошад. Қурбоналӣ Бӯризода аз соли 2009 то моҳи июли соли 2015 ба сифати муҳаррири масъул, сипас ба ҳайси аъзои ҳайати таҳририяи маҷаллаи илмии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот «Паёмномаи фарҳанг» [109] шумораҳои №12 (соли 2009) то шумораи 2 (30) (нимсолаи аввали соли 2015)-ро таҳрир ва чоп намуда, умуман 19 нашри онро ба чоп омода менамояд.

Қурбоналӣ Бӯризода бо назари нозукбини хеш ба ҳайси муҳаррири масъул маводи «Тақвими Арбобони барҷастаи фарҳанг ва санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2010», ҳамчун аъзои ҳайати таҳририя мақолаҳои рӯзномаи «Раҳнамои дониш», «Паёмномаи фарҳанг» ва «Осор»-и Пажӯҳишгоҳи илмӣ тадқиқотии фарҳанг ва иттилоотро таҳрир намудааст.

Муҳаррири сенарияҳои ҷашнии «Наврӯзи оламафрӯз», «Ҷон ба раҳи Ватан фидо, ман накунам ки мекунад?», «Меҳргоннома», «Фишонд аз савсану гул симу зар бод», «Ҷашни Меҳргон» низ Қурбоналӣ Бӯризода мебошад.

Зери назари ӯ нашри маҷмӯаҳои хурди адабӣ ба монанди гулчини панду ардарзҳо, зарбулмасал ва мақолаҳои тоҷикӣ ва мушобеҳи русии онҳо, саду бист рӯбоӣ, модар туро ситоиш мекунем [95] ва ғайра ба табъ расидаанд.

Бо назардошта таҷрибаи ғанӣ дар ҷодаи тарҷумаи илмию адабӣ ва бадеӣ Қурбоналӣ Бӯризода аз нимаи дуюми соли 2015 инҷониб муҳаррир ва муҳаррири масъули «Солномаи матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва феҳристи тарҷеии «Китобҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад.

Роҳбарияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти дониши амиқ ва таҷрибаи бойи ташкилотчигӣ ва роҳбарӣ дар зинаҳои гуногуни соҳаи фарҳанг Қурбоналӣ Бӯризодаро чандин маротиба ба раванди таҳияи барномаҳои давлатӣ ҷалб намудааст. Аз ҷумла, номбурда ба ҳайати кории мураттибони «Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011 – 2013» ва "Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" шомил гардида буд. Соли дуюм ва сеюм ба раванди татбиқи «Лоиҳаи бунёд ва рушди захираҳои иттилоотии ҳуҷҷатишуда доир ба фарҳанг ва санъат»-ро (2008 – 2010) роҳбарӣ намуда, дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои «Бунёди Маркази захираҳои иттилоотии ҳуҷҷатишуда доир ба фарҳанг ва санъати халқи тоҷик барои солҳои 2011 – 2013», «WEB сайт ва бонки электронӣ оид ба санъат барои солҳои 2012 – 2014», «Созмондиҳии бойгонии иттилоотӣ оид ба фарҳанг барои солҳои 2013 – 2015», «Ҳифзи мероси фарҳанги ғайримоддии захираҳои иттилоотии ҳуҷҷатишудаи халқи тоҷик барои солҳои 2014 – 2016», «Созмондиҳии бойгонии иттилоотии илмӣ дар соҳаи китобдорӣ барои солҳои 2016 – 2018»,

«Бунёди манобеи библиографии чопӣ ва электронии «Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон» барои солҳои 2017 – 2019», «Бунёди бонки захоири электронии библиографӣ ва ҷойгирнамоии он дар сомонаи «Хонаи китоби Тоҷикистон» (барои солҳои 2017 – 2019)», «Рақамигардонии захоири анъанавии китобҳои миллӣ ва ҷойгирнамоии он дар шабакаи Интернет (барои солҳои 2018 - 2020)», «Созмондиҳии захоири электронии матбуоти тоҷик дар давраҳои солҳои 1924 – 1945 (барои солҳои 2019 – 2021)» ва ғайра саҳм гузоштааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо ибтикори ӯ дар Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот, Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии бачагонаи ба номи Мирсаид Миршакар, Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи илмҳо ва Китобхонаи миллии Тоҷикистон лоиҳаи барномаҳои хурд оид ба бунёди захираҳои электронӣ таҳия ва аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфтанд.

Доираи таҳқиқоти ӯ ниҳоят фарох аст. Аз рӯзҳои аввали фаъолияти илмӣ-эҷодӣ ба яке аз масъалаҳои воқеан муҳимми ҷомеаи муосири тоҷик – таҳқиқи таърихи библиографияи тоҷик, хусусан таърихи библиографияи адабиёти кишоварзӣ оғоз намуда, аксарияти вақти пурқимати худро ба омӯзиши самтҳои гуногуни ҳамин соҳа бахшидааст. Таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ аз қабили «Адабиёти кишоварзӣ дар «Кашф-уз-зунун ан асомии-л-кутуби ва-л-фунун»-и Ҳоҷӣ Халифа», «Вазъи библиографияи кишваршиносии тоҷик», «Библиографиянамоии адабиёти кишоварзӣ: таҳқиқи фаъолияти марказҳои библиографӣ», «Библиографияи кишоварзии тоҷик: Мавод барои омӯзиши фан», «Ганҷҳои пинҳон», «Аз гаҳвора то гӯр дониш биҷӯед» [Таҳлили дастхатҳои кишоварзӣ], «Зироатчигии лалмӣ» танзим шуд аммо…» [Вазъи китобшиносии соҳаи кишоварзӣ], «Қадаме дар омӯзиши осори ниёгон», «Китобхона ва соҳаи кишоварзӣ: [Библиографинамоии адабиёти кишоварзӣ дар КМТ ба номи Абулқосим Фирдавсӣ]», «Самтҳои умдаи библиографияи тоҷик дар давраи Сомониён», «Саҳми Китобхонаи ба номи Абулқосим Фирдавсӣ дар китобшиносии адабиётӣ риштаи пахтакорӣ», «Таърихи библиографияи кишоварзӣ» ва ғайра дар библиографияшиносии миллӣ саҳифаҳои навро боз намуданд.

Дар осори муҳаққиқ муҳаббати бепоёни ӯ нисбат ба шукӯҳу азамати давлатдории ниёгон, бахусус аҳди сомониён, ки боиси ривоҷу равнақи бемисли илму фарҳанги тоҷикон гардид, ба назар мерасад, ки он баёнгари ҳисси баланди хештаншиносӣ, ифтихори эшон аз тамаддуни аҷдодӣ аст. Ӯ менависад, – «зуҳури сомониён дар Мовароуннаҳр ва Хуросон, ки нуфузашон босуръат дар дигар минтақа чун Гургон, як қисми Ироқ ва Кирмон густариш ёфт, муҳити омода ва ороме барои нашъунамои завқ, таҷаллии фикр, ҳунари миллӣ ба вуҷуд овард ва дар дастгоҳи Сомониён олимону нависандагони номдори ҷаҳонӣ зуҳур карданд».

Яке аз дастовардҳои чашмраси Қурбоналӣ Бӯризода дар самти таҳқиқи таърихи феҳристнигорӣ аз он иборат аст, ки номбурда равияҳои асосии феҳристнигории аҳди Сомониёнро муайян намуда, аз ҷумла қайд менамояд, ки «нахуст, феҳристҳое, ки хусусияти мазҳабӣ доранд, дуюм, феҳристҳое, ки илмҳои дунявиро фаро мегиранд».

Олими шинохта – Қурбоналӣ Бӯризода дар осори илмии хеш аз асарҳои библиографие ёдовар мешавад, ки онҳоро дар дигар маъхазҳои илмию тахрихии библиографияшиносӣ дарёфтан душвор аст.

Дар солҳои минбаъда таваҷҷуҳи муҳаққиқ ба омӯзиши сарчашмаҳои таърихи библиографияи тоҷик ҷалб мегардад. Тавре, ки аллакай ёдовар шудем ду рисолаи номбурда – «Таърихи библиографияи тоҷик (аз замонҳои қадим то аввали асри XXI» яке ба забони русӣ ва дигаре ба забони тоҷикӣ манзури мутахассисони соҳа гардиданд.

Муҳаққиқ бо мақсади фароҳам овардани заминаи боэътимод барои пажӯҳишҳои оянда сарчашмаҳои мавҷудаи соҳаи таърихи китобу дастхатҳо, мероси ниёгон дар соҳаи илмҳои кишоварзӣ, чорводориро мавриди омӯзиши амиқ қарор дода, дар мақолаҳои худ – «Китобҳои маҳбус [Оид ба дастурҳои аз назари мутахассисон дурмондаи соҳаи кишоварзӣ]», «Маданияти заминдории аҷдодон», «Тарбӯз доруест зидди касалиҳои гуногун [Порчаҳо аз нигоштаҳои ниёгон]», «Бодиринг [Сайри таърихӣ ба саҳифаҳои дастхатҳо ва парвариш]», «Таърихи кишоварзӣ [оиди се дастхат] », «Таърихи кишоварзии Тоҷикистон (дар заминаи дастхатҳои кишоварзӣ)", «Оин дар бораи аспи ориёиҳо», «Фарҳанги аспparварии халқи тоҷик ва таърихи пайдоиши он", "Мухтасар аз «Ду фарасномаи мансур ва манзум дар шинохти нажод, парвариш, бемориҳо ва дармони асп» -и Алии Султонӣ» ва ғайраҳо оид ба мавҷудияти афкори илмӣ дар соҳаҳои номбурда бо далелҳои муътамад маълумот додааст.

Асару мақолаҳои Қурбоналӣ Бӯризода оид ба таърихи пайдоиши дастхатҳо, китобхонаҳо ва нишондиҳандаҳои библиографие, ки ӯ таҳия ва чоп намудааст, моро ба сарчашмаҳои худогоҳиву худшиносӣ шинос менамоянд. Дар ин радиф метавон аз рисолаи «Таърихи кишоварзии Тоҷикистон (дар заминаи дастхатҳои кишоварзӣ)», оид ба таърихи библиографияи кишоварзӣ рисолаҳои «Заминаҳои пайдоиш ва рушди библиографияи кишоварзӣ», «Таърихи пайдоиш ва рушди библиографияи кишоварзӣ», «Таърихи библиографияи кишоварзӣ», мақолаи «Аз таърихи пайдоиши ахбороти библиографӣ дар китобхонаҳо», маҷмӯаи мақолаҳои ӯ «Библиографияи кишоварзии тоҷик: мавод барои омӯзиши фан», оид ба таърихи дастхатҳои кишоварзиву чорводорӣ аз маҷмӯаҳои илмии «Саҳми олимони ҷавон дар омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои ҷомеаи муосир», «Масъалаҳои миллӣ ва интернатсионалистӣ дар рушди фарҳанги Шарқи Шӯравӣ» («Проблемы национального и интернационального в развитии культуры Советского Востока»), «Ҷавонон ва ҷаҳони дониш», «Китобхонаи миллии Тоҷикистон: Ҷашнномa», «Роҳҳои навини татбиқи «Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Китобхонаҳои Тоҷикистон дар арафаи асри XXI», «Молодежь в науке и культуре XXI в.: Материалы междунар. науч.-творч. форума. Челябинск, 2 – 3 ноября 2011 г. Ч.II», «Культура, образование и наука: Толерантность и взаимопонимание в интересах устойчивого развития», «Фаъолияти китобдорӣ дар даврони ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ», «Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон», «Фаъолияти китобдорӣ дар замони истиқлолият», «Як ҳафтаи фараҳбахш», «Язык и культура: сб. материалов VII междунар. науч.-практич. конф. Челяб. гос. акад. культуры и искусств», «Библиотечное дело – 2013:

Библиотечно-информационная деятельность в современной системе информаций, документных коммуникаций и культуры: Материалы восемнадцатой международной научной конференции, Москва, 24 – 25 апреля 2013 г.», «Культура и искусство: традиции и современность: материалы Международной очно-заочной научно-практической конференции. – Чебоксары: ЧГИКИ, 2013», «Проблемы развития социокультурной сферы в контексте гуманизации общественных отношений: материалы междунар. заочной науч.-практ. конф. – Чебоксары, 2013» [52], Материалы Всеросийской очно-заочной научно-практической конференции «Компетентностный подход в профессиональной образовании в сфере культуры и искусства», Чебоксары, 12.04.2013 г.», «Республика Таджикистан в годы независимости (1991 – 2011): Сборник докладов республиканской научной конференции (РТСУ, 28.10.2011 г.). – Душанбе, 2013», «Подготовка профессиональных управленческих кадров: опыт, проблемы, инновационные образовательные технологии: Сб. научных трудов. – Челябинск, 2013», «Молодежь в науке и культуре XXI в.: материалы междунар. науч. творч. форума. Челябинск, 6–8 ноября 2014 г.», «Баркамол авлод-буюк юрт истиқболи» = Здоровая нация–будущее великой страны. Республиканская научно-практическая конференция. Бухара, БухГУ, 25-26 ноября 2014 г.», «Библиотечное дело – 2015: документно-информационные коммуникации и библиотеки в пространстве культуры, образования, науки. Скворцовские чтения: материалы двадцатой международной научной конференции (22-23 апреля 2015 г.). Ч. 1. М. МГИК, 2015» [66], «Межцивилизационные взаимодействие на евразийском пространстве: история, тенденция и перспективы: Материалы межд. науч. конференции (Душанбе, 13 февраля 2015 г. / РТСУ, 2015», «Актуальные проблемы социально-экономического развития и социального управления в современной России: Сб. материалов Всерос. науч.-практ. конф., Республика Башкортостан, г. Стерлитамак, 17-20 декабря 2015 года», «Взаимодействие семьи и школы по духовно-нравственному воспитанию обучающихся : Сборник научных статей: материалы науч. респ. конф. / Чуваш. гос. пед. ун-т им. И.Я. Яковлева, Чебоксары, 2016», «Молодежь в науке и культуре XXI в.: материалы междунар. науч.- творч. форума. 31 окт. – 3 нояб. 2016 г. / Челяб. гос. ин-т культуры, 2016», «Страны запада и востока: проблемы становления и модернизация политических, экономических и культурных форм развития : сб. науч. трудов Междунар. науч.-практ. конф., Республика Башкортостан, г. Стерлитамак, 14 ноября 2016 г.», «Теория и практика формирования культуры детей и молодежи: материалы Всерос. науч. конф. (с междунар. участием) (Челябинск, 18 дек. 2018 г.)» ёдовар шуд.

Мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-методии Қурбоналӣ Бӯризода дар саҳифаи маҷаллаҳои илмии «Паёмномаи фарҳанг», «Кишоварз», илмӣ-оммавии «Фарҳанг ва ҳунар», рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Паёми Душанбе», «Ваҳдат», «Саховат», «Омӯзгор», «Роҳнамои дониш», маҷаллаҳои илмии хориҷӣ «Вестник культуры»-и МГИК (Москва), «Вестник культуры»-и КазГУКИ (Қазон), «Вестник культуры» ва «Вестник культуры и искусств»-и ЧГАКИ (Челябинск), «Вестник ЧГИКИ» (Чувашистон), «Библиография» ва «Библиография и книговедение»-и Палатаи китобҳои Россия (Москва), «Вестник института

культуры и детства».

Барои муҳаққиқи варзида Қурбоналӣ Бӯризода тақдири ояндаи насли навраси тоҷик яке аз мавзӯъҳои доғи рӯз аст. Вай пайваста кӯшиш мекунад, то ки андешае дар ин мавзӯъ иброз намояд, неруи тарбиявии ниҳодҳои иҷтимоиро ба тарбияи насли ояндасоз ҷалб кунад. Дар ин радиф метавон аз мақолаҳои «Нақши китобхонаҳои бачагона дар таълиму тарбияи насли наврас», «Фестивали «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон», «Ба муҳаққиқи ҷавон оид ба сарчашмаҳои соҳаи китобдорӣ» ёдовар шуд.

Фарҳангшиносӣ самти дигари таҳқиқоти олими шинохта Қурбоналӣ Бӯризода мебошад. Мақолҳои ӯ «Пажӯҳишҳои фарҳангшиносӣ: вазъият ва пешомадҳо дар партави «Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Фаъолияти Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот дар давраи истиқлолият», «Фаъолияти ПИТФИ ва масъалаҳои муҳимми замони муосир», «Мирзо Турсунзода – қосиди фарҳанг» ва ғайра маҳз ба хотири муайян намудани нақши фарҳанг дар ҷаҳони муосир – ҷаҳони пуртазод ва доимо тағйирёбанда, вазифаи муҳаққиқони ватанӣ дар шароити ҷаҳонишавии фарҳанг ва фазои муосири иттилоотӣ бахшида шудаанд.

Қурбоналӣ Бӯризода заргарест, ки қадри зарро дақиқ арзёбӣ мекунад. Саъй мекунад, ки заҳмати ҳамкасбон, фидоиёни соҳаи фарҳангу ҳунар ва фаъолияти китобдорӣ аз мадди назар дур намонад. Навиштаҳояш дар ин маврид бениҳоят самимӣ мебошанд. Дар мақолаҳояш «Пажӯҳишгари таърихи ниёгон: [Оид ба ҳаёт ва фаъолияти Раҳимҷони Шарофзода]», «Муғаннии чирадаст ва устоди арҷманд (Бахшида ба 70-солагии Ҷ. Обидпур)», олимони соҳаи китобдорӣ ва ғайра аз кору пайкори намояндагони соҳаҳои фарҳангу ҳунар ва китобдорӣ бо эҳтироми хоса ёдовар шудааст.

Таҳлили фаъолияти муассисаҳои фарҳангу ҳунар ва марказҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ аз ҳар як муҳаққиқ дониши амиқи касбиро тақозо мекунад. Зеро дар охири ҳар як таҳлил бояд ҷиҳати такмили фаъолияти онҳо тавсияҳои асосноки илмӣ мавҷуд бошанд. Дар гузоришҳои мухтасари илмӣ, ки аз ҷониби Қурбоналӣ Бӯризода ба Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба «Фаъолияти муассисаҳои иҷтимоию фарҳангӣ, мусиқӣ ва китобдорию иттилоотии Тоҷикистон. РКД 0105ТД185, гузориши мухтасари соли 2009" (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ); «Фаъолияти муассисаҳои иҷтимоию фарҳангӣ, мусиқӣ ва китобдорию иттилоотии Тоҷикистон», РКД 0105ТД185, гузориши мухтасар барои соли 2010"; «Самтҳои асосӣ ва дурнамои рушди фаъолиятҳои муассисаҳои фарҳангию иҷтимоӣ 2011 – 2015», РКД 01011 ТД 066, барои соли 2011 ва гузориши хулосавии илмию таҳлилӣ оид ба хотимаёбии мавзӯи илмии «Фаъолияти муассисаҳои иҷтимоию фарҳангӣ, мусиқӣ ва китобдорию иттилоотии Тоҷикистон» РКД 0105ТД185, гузориши илмӣ-таҳлилии солҳои 2007 – 2010 манзур гардидаанд, бо хулосаҳои муфассали ӯ дар Маркази патент ва иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ аз ҷониби коршиносони варзида пазируфта шудаанд.

Мавриди зикр аст, ки дар асару мақолаҳои олими варзида Қурбоналӣ Буризода бештар масъалаҳои вобаста ба муайяннамоии мушкилоти мавҷудаи

соҳаи фарҳангу ҳунар ва китобдорӣ, роҳҳои ҳалли онҳо, аз ҷумла тайёрнамоии мутахассисони касбии дорои маълумоти олӣ, зарурияти мавҷудияти таҷрибаи кофӣ дар соҳаи фаъолияти мутахассис, ҷоринамоии технологияи муосири иттилоотӣ ва телекоммуни-катсионӣ дар фаъолияти муассисаҳои соҳаи фарҳангу ҳунар ва китобдорӣ, таъкиди донистани ду-се забони хориҷӣ барои мутахассисони соҳаи китобдорӣ, ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонидани маблағгузорӣ ва баланд бардоштани маоши кормандони соҳа, таъминоти китобхонаҳо бо адабиёти тозанашр, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳои роҳбарикунандаи соҳа ва ғайра мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Яке аз хизматҳои бузурги Қурбоналӣ Бӯризода дар соҳаи фарҳангу ҳунар аз он иборат аст, ки мавсуф ҳангоми иҷрои вазифаи директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот ба «Номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 – 2020» дар радифи мавзӯъҳои фарҳангшиносӣ масъалаҳои мубрами соҳаҳои «китобхонашиносӣ, библиографияшиносӣ, иттилоотшиносӣ, санъатшиносӣ, осорхонашиносӣ, мусиқашиносӣ, театршиносӣ, рақсшиносӣ, ҳунаршиносӣ ва эҷодиёти мардумӣ»-ро пешниҳод намуд ва ин ташаббус моҳи декабри соли 2014 аз ҷониби мақомоти дахлдор дар ҷараёни ба тасвиб расонидани санади мазкур ба инобат гирифта шуд. Ин тағйирот имконият фароҳам оварад, ки дар самтҳои мутазаккира корҳои илмию тадқиқотӣ ба роҳ монда шуда, маблағгузории онҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ таъмин карда шавад.

Аз муваффақиятҳои илмию таҳқиқотии солҳои охири Қурбоналӣ Бӯризода метавон таҳия ва мавриди амал қарор гирифтани якчанд мавзӯъҳои таҳқиқотиро бахшида ба омӯзиши самтҳои инноватсионии рушди фаъолияти китобдорӣ номбар намуд. Яке аз мавзӯъҳои солҳои охир – «Равандҳои инноватсионии фаъолияти китобдорӣ-иттилоотӣ дар муҳити ҷаҳонишавии фарҳанг» (2016–2020) РҚД 0116 TJ 00604 имрӯзҳо мавриди татбиқ қарор дорад. Зимни таҳияи лоиҳаи мазкур муҳаққиқ қайд намудааст, ки «имрӯз Тоҷикистон дар баробари кишварҳои дигар майл ба сӯйи вусъати ҳамкориҳои муфиду рақобатпазири фарҳангӣ дорад, ки яке аз фишангҳои пурқуввати ин раванд тавассути соҳаи китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ сурат мегирад. Бо таваҷҷуҳ ба ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар самти фаъолияти китобдорӣ ва иттилоотии кишвар тадбирҳои ҷиддӣ андешад. Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ дар ин соҳа дигаргуниҳои назаррас ба амал омада, Тоҷикистон бо равандҳои ҷаҳонишавӣ ҳамгиро шуда истодааст. Аз ин рӯ, қайд мекунад, муаллиф – «фаъолияти китобдорӣ-иттилооотӣ дар Тоҷикистон набояд аз равандҳои инноватсионӣ дар канор монад». Ба ин мақсад, ки дар ҷараёни таҳқиқ ва татбиқи мавзӯи «Равандҳои инноватсионии фаъолияти китобдорӣ-иттилоотӣ дар муҳити ҷаҳонишавии фарҳанг» (2016 – 2020) ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад: омӯзиши вазъи истифодаи навгониҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои китобдорӣ ва иттилоотии ҷумҳурӣ дар замони муосир; таҳқиқи ҷараёни дастрасии муассисаҳои китобдорӣ ба равандҳои инноватсионӣ; сатҳи таъмини муассисаҳо бо мутахассисони ҷавон ва соҳибмалака; омӯзиши шароит ва таъминоти китобхонаҳо ва марказҳои иттилоотӣ бо дастурамал ва васоити

раҳнамо ҷиҳати истифода аз навгониҳои замонавӣ; корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар раванди инноватсионии соҳаи китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ самтҳои зеринро дар бар мегирад: гирдоварӣ, таҳлил, коркард, натиҷагирӣ ва дар ин замина таҳия намудани маводи илмӣ, таълимӣ, методӣ, лоиҳаҳои инноватсионӣ оид ба самтҳои мушаххаси соҳа, дастурамалҳо, низомномаҳо, қоидаҳо, кодексҳо, меъёрҳо ва стандартҳои миллии соҳавӣ ва ғайра.

Дар лоиҳа бунёди равандҳои инноватсионии фаъолияти китобдорӣ-иттилоотӣ ҳамчун объекти таҳлил, таҳқиқ, омӯзиш ва дар амал татбиқ намудани натиҷаҳои он мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳамзамон, аҳаммияти раванди инноватсия, вижагиҳои фаъолиятҳои инноватсионӣ дар соҳаи китобдорӣ-иттилоотӣ ва амалисозии онҳо дар сатҳҳои мухталиф – фаъолияти олимон, китобдорон, мутахассисон, фунуни тадриси таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ то модернизатсияи равандҳои фаъолияти соҳа дар муассисаҳои китобдорӣ ва иттилоотӣ тавассути таҳқиқотҳои илмӣ мавриди таҳқиқоти илмии бунёдӣ мегарданд».

Мавзӯъҳои дигаре, ки ба соҳаи китобдорӣ иртибот дошта, аз ҷониби Қурбоналӣ Бӯризода таҳия ва мавриди татбиқ қарор доранд – «Таҳқиқи илмии бойгонии «Палатаи китоби Тоҷикистон», созмондиҳии репертуари мукаммали китоби миллӣ, феҳрасти электронии «Китоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (солҳои 2017 – 2021)» мебошанд, ки ҳанӯз аз ҷониби Муассисаи давлатии «Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб – Хонаи китоби Тоҷикистон» пешниҳод гардида буд. Дар он аз ҷумла омадааст: «Солҳои охир таҳқиқотҳои чашмрас пиромуни фаъолияти китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ идома ва рушд меёбад. Аммо ба андешаи аксарияти кулли олимон масоили омӯзиши равандҳои инноватсионӣ дар ҷараёни ҳифзу нигоҳдорӣ, тарғиби дастовардҳои миллӣ, манзури эҳтиёҷмандон гардонидани мазмун ва муҳтавои маводи мавҷуда, таҳқиқи шаклу намудҳои китоб ва матбуоти даврии дар бойгонӣ ҳифзшаванда, ҳолат ва шароити дурусти нигоҳдорӣ, нусхабардорӣ (сканирование) ва ташкили намунаи электронии маводи чопӣ, татбиқи навидҳои техникӣ, технологӣ ва касбию тахассусӣ, ташкили захираҳои электронии маҷозӣ (вертуалӣ) ҳанӯз мавриди таҳқиқоти ҷиддӣ қарор нагирифтааст». Истифода аз дастовардҳои инноватсионӣ ва дар амал татбиқнамоии он мақсади асосии пешниҳоди лоиҳаи «Таҳқиқи илмии бойгонии «Палатаи китоби Тоҷикистон», созмондиҳии репертуари мукаммали китоби миллӣ, феҳрасти электронии «Китоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (солҳои 2017 – 2021)» буда, он дар раванди омӯзиш, таҳқиқ, баррасӣ ва дар ин замина ташкил ва бунёди бойгонии захираи электронии маводи мавҷудаи муассиса ва ҷойгирнамоии он дар шабакаи Интернет, манзури олимону шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва хориҷа намудани ганҷинаи бузурги китобу матбуоти даврии тоҷик инъикоси хешро меёбад.

Тавре ки аллакай зикр гардид, олими шинохта Қурбоналӣ Бӯризода дар ҳамкорӣ бо Ш. Сӯфизода ва С. Шосаидзода дар таҳияи мавзӯи буҷавии «Ҷоринамоии равандҳои инноватсионӣ дар фаъолияти китобдорию иттилоотии

Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандӣ дар шароити ҷаҳонишавии илму фарҳанг» (2018 – 2022) фаъолона ширкат дошта, зимин татбиқи он ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад: «омӯзиши вазъи истифодаи навгониҳои инноватсионӣ дар муассиса, ҷринамоии онҳо дар хадамоти китобдорӣ ва иттилоотии Китобхонаи марказии илмии ба номи И. Гандии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; омӯзиши вазъи истифодаи навгониҳои инноватсионӣ дар китобхонаҳои пажӯҳишгоҳҳои соҳавии Академияи илмҳо; таҳқиқи ҷараёни дастрасии китобдорон ба равандҳои инноватсионӣ; сатҳи таъмини муассисаҳои илмӣ бо мутахассисони соҳавии ҷавон ва соҳибмалака; омӯзиши шароит ва таъминоти китобхонаҳои зертобеъ ва марказҳои иттилоотии мавҷуда бо дастурамал ва васоити раҳнамо ҷиҳати истифода аз навгониҳои замонавӣ. Тибқи нишондоди лоиҳаи мавзӯи таҳқиқотии мазкур корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар раванди инноватсионии соҳаи китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ бояд фарогири самтҳои зерин бошад: гирдоварӣ,  таҳлил, коркард, натиҷагирӣ ва дар ин замина таҳия намудани маводи илмӣ, таълимӣ, методӣ, лоиҳаҳои инноватсионӣ оид ба самтҳои мушаххаси соҳа, дастурамалҳо, низомномаҳо, консепсияҳо, қоидаҳо, кодексҳо, меъёрҳо ва стандартҳои миллии соҳавӣ» ва ғайра.

Ҳангоме, ки Қурбоналӣ Бӯризода роҳбарии мавзӯъҳои илмию таҳқиқотии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоотро дар солҳои 2009 – 2015 ва мавзӯи илмии Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб – Хонаи китоби Тоҷикистонро ба уҳда дошт, дар як қатор симпозиум, конфронс, семинар, мубодилаи афкор, мизи мудавар, маҳфили адабӣ ва ҳамоишҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат намуда, зимни маърӯзаҳои пурмуҳтаво таваҷҷуҳи олимону мутахассисон ва аҳли ҷомеаро ба масъалаҳои ҳалталаби соҳаи фарҳангу ҳунар ва китобдорӣ ҷалб намудааст.

Олими нуктасанҷ боварӣ дорад, ки бо шарофати ҳамгиро гаштани илму таҳсилот рушди ҳарду ҷониб таъмин мегардад. Аз ин рӯ, бо азми талоши ӯ барномаҳои таълимии фанҳои «Библиографияи адабиёти кишоварзӣ: Барнома барои донишҷӯёни факултаи китобдорӣ», «Библиографияи адабиёти кишоварзӣ: Барнома барои донишҷӯёни факултаи китобдорӣ», «Библиографияи адабиёти табиатшиносӣ ва техникӣ: Барнома барои донишҷӯёни факултаи китобдорӣ» ва ғайра таҳия ва чоп гардидаанд.

Дар шароити ҷаҳонишавии фарҳанг ва фазои муосири иттилоотӣ Қурбоналӣ Бӯризода ҷонибдори густариши равобити гуногунпаҳлуи илмию эҷодӣ ва фарҳангӣ мебошад ва ин матлабро дар навиштаҳояш пайваста таъкид менамояд, аз ҷумла дар мақолаҳои «Сотрудничество Таджикистана и России в области подготовки и переподготовки научных кадров в сфере библиотечной деятельности», «Сотрудничество в области подготовки и переподготовки научных кадров» [74], «Взаимовлияние культур Таджикистана и Казахстана как проявление толерантности» [50].

Ҳангоми навишатани тақриз ба осори илмии шогирдону ҳамаслакон серталаб, вале боадолат аст, инро мо аз андешаҳояш дар тақризҳои «Навиди библиография [Тақриз ба рисолаи «Абӯалӣ ибни Сино ва библиографияи тоҷик»-и Р. Шарофзода (ба забони русӣ), «Омӯзиши библиографияи С. Айнӣ / Тақриз ба

асари библиографии Р. Шарофзода башида ба асарҳои С. Айнӣ», «Чакидае дар риштаи китобдорӣ» [Тақриз], «Аз ҳунари тасвирии ниёгон бохабар бошем» [Тақриз ба рисолаи «Таърихи ҳунари тасвирии халқи тоҷик аз даврони бостон то садаи XVI»-и С. Муҳиддинов (ба забони руси), «Китобхонаи миллӣ чӣ гуна бояд бошад [Андешаҳо перомуни консепсияи китобхонаи миллӣ]» ва ғайра, инчунин тақризҳо ба рисолаҳои илмӣ «Отзыв на автореферат диссертации Пивоваровой Н.В. «История туризма в Таджикистане (XX – начало XXI вв.)», представленной на соискание учёной степени кандидата исторических наук по специальности 07.00.02 – Отечественная история»; «Отзыв на автореферат диссертации Камолзода С. «Детские и школьные библиотеки в системе образовательных учреждений Таджикистана: история, состояние и проблемы развития», представленной на соискание учёной степени кандидата педагогических наук по специальности 13.00.01 – общая педагогика, история педагогики и образования (педагогические науки)»; «Отзыв на автореферат диссертации Каримова М.М. «Из истории международных связей и дипломатии Центральной Азии во второй половине XIV – начале XVI вв», по специальности 07.00.02 – Отечественная история (исторические науки), представленного на соискание ученой степени кандидата исторических наук»; «Отзыв на автореферат диссертации Собирова Шодибека «Вклад интеллигенции Гиссарской долины в развитие культуры Республики Таджикистан (1921 – 1991 гг.)» по специальности 07.00.02 – Отечественная история, представленного на соискание ученой степени кандидата исторических наук» ва дигарон баръало мушоҳида карда метавонем.

Ҳамкорӣ бо ҳаммаслакон яке аз хусусиятҳои фаъолияти илмию эҷодии Қурбоналӣ Бӯризода мебошад. Аз ҷумла, маводи зеринро дар ҳаммуаллифӣ эҷод намудааст: «Тақвими Арбобони барҷастаи фарҳангу санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2011 – 2012 ва 2013 – 2014 инъикоси худро ёфтаанд. Аз ҷумла: Пешгуфтор, Ахбори воқеаҳои соли 2011 – 2012, Ислом Акрамович Ҷӯраев, Убайдулло Раҷабов, Сафар Сулаймонӣ, Сотим Улуғзода [132, с. 66-71], Абдураҳим Раҳимов.

Соли 2010 таҳти роҳбарии Қурбоналӣ ду филми ҳуҷҷатӣ – «Гаҳворабандон» ва «Мазори Шариф» (сенариянавис Ҳасани Муҳаммадӣ) дар ноҳияҳои Айнӣ ва Панҷакент ба навор гирифта шудаанд.

Бӯризода Қурбоналӣ Бозор аз зумраи олимонест, ки ҳаёт ва фаъолияти илмӣ-таҳқиқоти ӯ ҳанӯз ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Дар ҷашни нимасрааш ҳамкорон ва ёру дӯстон гӯё аз кору пайкораш ёдовар шуданд, вале он нокифоя буд, зеро фаъолияти эшон гуногунпаҳлӯ ва фарох аст. Итминон дорам, ки новобаста аз ҳама саъю талош имрӯз ҳам бисёр лаҳзаҳои пурқимату хотирмон, азму ташаббусҳо, фидокориҳо, масъулиятшиносиҳо, вафодориву қадршиносиҳо ва боз бисёр сифатҳои беҳтарини бародари гиромиқадри мо – Қурбоналӣ аз назарамон дур монданд.

Ба ҳар сурат азм намудем, то дар доираи имкони фароҳамомада чанд сухане гуфта бошем.

Дар бораи ӯ аз саҳифаҳои маҷмӯаҳо ва мақолаҳои Каримзода Б., Авғонов Қ., Сулаймонӣ С., Муродӣ М., Шосаидов С., Раҷабов Ҷ. ва дигарон, ҳамзамон дар

саҳифаи библиографияи шарҳиҳолии «Бӯриев Қурбоналӣ Бозорович: маҷмӯаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ» [10] маълумот пайдо кардан мумкин аст.

Барои хизматҳои арзанда дар соҳаҳои илму маориф, фарҳанг ва фаъолияти китобдорӣ Бӯризода Қурбоналӣ Бозор бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.07.2016, №723 бо медали «Хизмати Шоиста», нишонҳои сарисинагии «*Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон*» (2012), «*Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*» (2015), «*Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон*» (2018), Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (2014), инчунин сипосномаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (2017) ва мақомоти дигар сарфароз гардонида шудааст.

Бо назардошти хизматҳои арзанда дар самти тавсеаи равобити байналмилалӣ дар соҳаҳои фарҳангу китобдорӣ, матбуоти даврӣ, савдо ва тавзеи китобу фаъолиятиноширӣ имрӯз Буризода Қурбоналӣ Бозор вазифаи пурмасъулияти намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Шӯрои байнидавлатӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи матбуоти даврӣ, нашри китоб, савдою тавзеи китоб ва умури ноширии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро ба душ дорад. Мавсуф соли 2018 ба ҳайси Раиси Шӯрои байнидавлатӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи матбуоти даврӣ, нашри китоб, савдою тавзеи китоб ва умури ноширии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил интихоб шуда, ду чорабинии сатҳи олии онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор намуда, дар якчанд чорабиниҳои сатҳи олии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иштирок ва суханронӣ кардааст. Аз ҷумла Раисии «Озмуни XV байналмилалии «Санъати китоб»-и кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон (29-30-юми июни соли 2018), ҷаласаи XXIII Шӯрои байнидавлатӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи матбуоти даврӣ, нашру тавзеи китоб ва умури полиграфии кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон (28-29-уми ноябри соли 2018), ҳамзамон бо даъвати ташкилоти Ҳамкории ғайритиҷоратии (Некоммерческое партнёрство «Гильдия книжников») «Гилдияиноширон»-и Федератсияи Россия бо дастгирии Агентии федералӣ оид ба матбуот ва иртиботи оммавӣ ба уҳда дошт. Ҳамзамон, дар мизи мудаввар оид ба «Ҳамкориҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар соҳаи табъу нашри кишварҳои Россия, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ва Иттиҳоди Авруосиёии Иқтисодӣ (ЕАЭС)», ки дар он намояндагони сафоратхонаҳо, идораҳои соҳавӣ, роҳбарони нашриётҳо, муассисаҳои савдои китоб, Палатаи китобҳои Россия ва палатаи китобҳои миллии кишварҳои узви ИДМ ва ЕАЭС бо ширкати мутахассисони соҳаи технологияҳои муосири иттилоотӣ, ҳуқуқи муаллиф ва моликияти зеҳнӣ, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои китобдорӣ ва илмию маърифатӣ, дар мизи мудаввар, ки дар чаҳорчӯбаи Намоиш-ярмаркаи байналмилалии китоби Москва (ММКВЯ, 5-9-уми сентябри соли 2018)-и Федератсияи Россия баргузор гардида буд, иштирок ва суханронӣ намудааст.

Соли 2019 ба сифати Ҳамраисии Шӯрои байнидавлатӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи матбуоти даврӣ, нашри китоб, савдою тавзеи китоб ва умури ноширии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил интихоб гардида, дар чорабиниҳои сатҳи олии ин Шӯро фаъолона ширкат меварзад. Аз ҷумла, дар «Озмуни XVI байналмилалии

«Санъати китоб»-и кишварҳои узви ИДМ» дар Ҷумҳурии Озорбойҷон (ш. Боку, 30-юми майи соли 2019) ва «Ассамблеяи хонандагони Иттиҳод» (ш. Москва, 18-уми сентябри соли 2019), ҷаласаи XXIV Шӯрои байнидавлатӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи матбуоти даврӣ, нашру тавзеи китоб ва умури полиграфии кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар Китобхонаи миллии Озарбойҷон (20-уми ноябри соли 2018) фаъолона иштирок ва суханронӣ намуд, ки ин боиси ифтихору сарфарозии мо дӯстону ҳамкасбон мебошад. Зеро ба намояндаи Тоҷикистон муяссар гардидааст, ки на танҳо кишвари худро аз чунин минбарҳои баланду бонуфуз муаррифӣ намояд, балки бо ибрози андешаҳои пурқимат таваҷҷуҳи аҳли илму адаби хориҷиро ба ҳаллу фасли проблемаҳои умдаи сатҳи байналмилалӣ ҷалб кунад.

«Қурбоналӣ ҳама ақлу заковат, эътибору назокат, дараҷаи илмию, меҳру садоқати дӯстонро аз шикастнафсию хоксорӣ ва сабру таҳаммул дарёфтааст. Аз дӯстиву ҳамкорӣ бо ин инсони некрою равшанзамир, хирадманду фурутан ва накӯкору накӯном кас фараҳманд мешавад». Ман ин суханонро дар ҷашни нимасрааш гуфта будам ва бояд иқрор шавам, ки дурустии онҳо бори дигар собит гардиданд.

**Адабиёт**

1. Бӯриев Қурбоналӣ Бозорович: маҷмӯаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Ш. Комилзода. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – 140 с. [Библиографияи шарҳиҳолӣ ва рӯйихати осор иборат аз 248 номгӯй].

2. Бӯриев, Қ.Б. Библиографияи адабиёти кишоварзӣ: барнома барои донишҷӯёни факултаи китобдорӣ. – Душанбе, 2011. – 28 с.

3. Бӯриев, Қ.Б. Библиография дар аҳди Сомониён / Муҳаррири илмӣ Н.Н. Неъматов. – Душанбе, 1999. – 27 с.

4. Бӯриев, Қ.Б. Библиографияи кишоварзии тоҷик: мавод барои омӯзиши фан / муҳаррир С.Ҳ. Шосаидов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – 160 с.

.

5. Бӯриев, Қ.Б. Таърихи библиографияи кишоварзӣ: Монография / муҳаррир Ш.К. Тошев. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 176 с.

6. Бӯриев, Қ.Б. Таърихи библиографияи тоҷик (аз замонҳои қадим то ибтидои асри XXI): Монография / муҳаррир Ш.К. Тошев. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 260 с.

7. Буриев, К.Б. Возникновение и развитие сельскохозяйственной библиографии: Монография / отв. ред. академик Н.Н. Негматов. – Душанбе, 2000. – 104 с.

8. Буриев, К.Б. История возникновения и развития сельскохозяйственной библиографии. – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2010. – 128 с.

9. Буриев, К.Б. История таджикской библиографии (с древнейших времён до конца 80-х гг. XX века): Монография / под. науч. ред. С. Мухиддинова; ред. Н. Пивоварова. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 176 с.